**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи “Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи Ватан**

Рисолаи олими ҷавон Кароматуллои Хайруллозода ба масъалаи хеле муҳими илмӣ - таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои шӯравӣ, дақиқтараш, дар солҳои 1929-1989 бахшида шудааст.

Умуман, бостоншиносӣ дар Тоҷикистон - илми нисбатан ҷавон ба ҳисоб меравад. Метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравӣ ва бостоншиносии тоҷик ҳамсоланд. Ҳоло, дар солҳои истиқлол бостоншиносӣ дар марҳилаи нави таърихӣ қарор дорад. Омӯзиши ҳар як самти илми ватанӣ, аз ҷумла бостоншиносӣ, барои рушди пеш аз ҳама худи илм аҳамияти калон дорад. Дар ин ҳолат омӯзиши таърихи бостоншиносии тоҷик бе таърихи таҳқиқи археологии минтақаҳои алоҳида Тоҷикистон нопурра мегардад. Чунки оғози корҳои бостоншиносӣ дар шимоли Тоҷикистон ҳамзамон давраи ташаккулёбии илми бостоншиносии тоҷик шинохта шудааст.

Ташкилёбии экспедитсияҳои бостоншиносии тоҷик ва оғози фаъолияти олимони бостоншиноси машҳури тоҷик низ бо ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон пайвастагии зич доранд. Дар давоми зиёда аз 60 сол бостоншиносони тоҷик дар ҳудуди ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон шумораи зиёди ёдгориҳои таърихӣ аз асри санг саркарда то ба асри Х1Х-ро кашф ва омӯхтанд, ки онҳо муаррифгари маданияти қадиму рангини халқи тоҷик мебошанд.

Ҳоло ба мо зарур аст, ки натоиҷ ва таҷрибаи бостоншиносии шӯравиро хуб омӯхта барои пешрафти археологияи имрӯза истифода барем. Аз ҳамин лиҳоз омӯзиши таърихи тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ лозим ва хатмӣ мебошад ва аз ин ҷиҳат иқдоми Кароматуллои Хайруллозода омӯхтани ин масъала қобили дастгирӣ аст.

Рисолаи унвончӯ Хайруллозода Кароматулло ба таҳқиқи ибтидои раванди тадқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва ташаккулёбии археологияи тоҷик бахшида шудааст.

Таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистони шимолиро Хайруллозода Кароматулло дар се боб ва нуҳ зербоб муайян намудааст. Дар муқаддима дар бораи зарурияти омӯзиши мавзӯъ, сатҳи таҳқиқи он давра ба давра маълумоти муфасал оварда шудааст. Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки бо истифода аз манобеъ, маводи бойгонӣ ва осори илмии мавҷуда саҳифаҳои норавшани раванди таҳқиқоти бостоншиносии минтақаҳои шимолии Тоҷикистонро муайян созад. Маводи таҳқиқшуда аз ҷиҳати сохтор мантиқан дуруст ҷобаҷо шудааст. Номгуйи адабиёте, ки хангоми навиштани рисолаи илмии Кароматулло Хайруллозода мавриди истифода карор гирифтанд, хеле доманадор мебошад.

Тавре муаллиф дар муқаддимаи рисола навиштааст, бостоншиносон соҳиби таҷрибаи бисёрсола шуда, пажӯҳиши ин таҷриба дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон аҳамияти муҳимми илмӣ дорад.

Дар рисола ба масъалаҳои муҳиме аз қабили иштирок ва саҳми олимони алоҳида, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, экспедитсияҳои илмӣ ва осорхонаҳо дар омӯзиши археологии кишвар, кашвиёт ва кофтукови ёдгориҳои минтақа, таҳқиқи масъалаҳои муҳими бостоншиносӣ ва дастовардҳои бостоншиносии тоҷик дар солҳои шӯравӣ пардохта шудааст.

Унвонҷӯй кори экспедитсияҳоро таҳлил намуда, ба хулосаи мантиқӣ меояд, ки бостоншиносии тоҷик дар омӯзиши ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ба мувафаққиятҳои назаррас ноил гашт. Шумораи зиёди ёдгориҳои бостонӣ омухта ва ба илм ворид шудаанд. Қобили зикр аст, ки Кароматулло Хайруллозода номи ҳар як муҳаққиқи Тоҷикистони Шимолиро (ба мисли М.Е.Массон, В.Р.Чейлитко, Б.А.Литвинский, А.П.Окладников, В.А.Ранов, Е.Д.Салтовская, Н.Н.Неъматов, Ӯ.Пӯлотов, А.Мирбобоев, С.Ш.Марофиев ва диг.) ба забон гирифта саҳми онҳоро арзанда донистааст.

Диссертант марҳилаҳои омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимолӣ ва даврабандии умумии ин равандро асоснок кардааст, ки ин ҳам як комёбии муаллифи рисола мебошад. Диссертант дуруст қайд намудааст, ки оғози омӯзиши археологии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон бо фаъолияти кишваршиносон, осорхонаи навташкилшудаи Тоҷикистони шимолӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳуриявӣ алоқаманд буд.

Дар бобҳои рисола ба самтҳои фаъолияти экспедитсияҳои археологӣ дар миёна ва нимаи дуюми асри XX дар Тоҷикистони шимолӣ эътибори ҷиддӣ равона шудааст. Ёдгориҳои ин минтақаи ҷумҳуриямонро Экспедитсияи суғдӣ-тоҷикӣ (бо сарварии А.Ю.Якубовский), Экспедитсияи археологии тоҷик (бо сарварии А.М.Беленитский, Б.И.Маршак) ва Экспедитсияи археологии комплексии шимоли Тоҷикистон (бо сарварии Н.Н.Неъматов) меомухтанд.

Диссертант дуруст қайд намудааст, ки натиҷаи ҳафриёти бисёрсолаи ёдгориҳои вилоятҳои таърихии-фарҳангии Тоҷикистони шимолӣ (Уструшана, вилояти Хуҷанд, Илоқ, Фарғонаи Ғарбӣ) барои таҳқиқи амиқи таърихи халқи тоҷик аҳамияти хоса дорад. Дар заминаи маводҳои аз харобаҳои Нуртеппа, Хуҷанди қадима, Муғтеппа, Ширин (Куркат) ва ёдгориҳои дигар ба даст омада, таърихи табақавии ҷамоаи қадим, оғози маданияти кишоварзии обёриро дар ҳавзаи миёноби руди Сир ва ҳам зинаҳои аввалини шаҳришавӣ (урбанизатсия) дар ҳавзаи рӯди Сир ва маданияти шаҳриро дар ин воҳа ба пурраги тадқиқ шуданд.

Инчунин, дар натиҷаи фаъолияти бисёрсолаи ходимони ҳайъати экспедитсия зери роҳбарии академик Н.Н.Неъматов дар таҳқиқи шаҳрҳо, кӯшкҳо, бошишгоҳҳои саҳроӣ ва ҳам маданияти моддӣ ва маънавии сокинони қадими онҳо, маводи нодир ба даст овардананд. Ин дастовардҳои бостоншиносон ва кашфиёти илмии онҳо дар боб ва зербобҳои диссертатсияи Кароматуллои Хайруллозода инъикос шудааст.

Дар охири рисола хулосаҳои хуб бо тавсияҳо ва номгӯи адабиёт оварда шудаанд.

Ҷолиби қайд аст, ки рисолаи Кароматуллои Хайруллозода характери амалӣ низ дорад. Ҳамаҷониба омӯхтан ва таҳлил намудани таърихи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносӣ имконият медиҳанд, ки донишҳои бадастомада дар рушди археологияи замони муосир истифода бурда мешаванд.

Гуфтан мумкин, ки рисолаи пешкаш шуда, ҳарфи нав дар омӯзиши таърихи бостоншиносии тоҷик мебошад. Дастовардҳои илмии унвонҷӯй дар амри навиштани ин рисола ба ман иҷозат медиҳад, то зикр кунам, ки кори диссертатсионии Кароматуллои Хайруллозода "Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)" кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад. Рисола аз рӯи муҳтаво ва матолиби ба таҳқиқ кашидашуда ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи археология, этнография ва диншиносии
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ____________Н.Т.Раҳимов

Имзои Раҳимов Н.Т.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Наврузов Э.